*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(Суроға: кӯчаи Нахимов 64/14, Душанбе,*
*Тоҷикистон, 734067, Почтаи электронӣ: www.tgfeu.tj)*

**ТАҚРИЗ**

**ба авторефератит диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Ҳолати муосири андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон бо тағйироти охирини кодекси андоз муайян карда мешавад, ки ба кам кардани сарбории умумии андоз ва содда кардани низоми андоз равона шудааст. Ин муассисаҳо, гарчанде ки ба таври умум ғайритиҷоратӣ ҳисобида мешаванд, аз рӯи фаъолияти тиҷоратии худ андозбандӣ мешаванд.

Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) дар Тоҷикистон самтҳои асосии зеринро дар бар мегирад: кам кардани шумораи андозҳо, паст кардани меъёрҳои андоз, дастгирии молиявӣ ва мустақилияти бештар, рушди асоси меъёрии ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Умуман, такмили андозбандии МТОК дар шароити муосир тавассути соддагардонии низом, паст кардани меъёрҳои асосии андоз ва баланд бардоштани мустақилияти молиявии муассисаҳо сурат мегирад, ки ин ба рушди минбаъдаи соҳаи таҳсилоти олӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

Мавзуи таҳқиқшаванда хеле муҳим ва актуалӣ мебошад. Боиси тазаккур аст, ки дар авторефератит мазкур мақсад, объект, предмет, усулҳои таҳлил, арзёбӣ, барасии масъалаҳо, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳои ҷолиб дарҷ карда шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаву тавсияҳо оид ба такмили низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод гаштаанд.

Дар баробари он, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбиро дорост, инчунин камбудиҳо ва нофаҳмиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар автореферат ҳангоми пешниҳоди маводҳо пайдарпайии мантиқӣ риоя нашудааст;

2. Дар расми 5. мукаммалгардонии механизми андозбандии МТОК (таҳияи муаллиф) шарҳ дода нашудааст, аммо зарурияти истифодаи онро дар амалия ба таври зарурӣ шарҳу эзоҳи наёфтааст.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» мувофиқ ба талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон Ҳасанов А.Р.
“ 11 ” 02 соли 2026

**Ҳасанов Абдураҳим Раҳмонович, тел.: 992919298869**
**E-mail:ab10101959@mail.ru**

Имзои н.и.и., дотсент А.Р. Ҳасановро тасдиқ менамоям.
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДТТ** Абдуназаров А.Ҷ.

**Маълумот барои тамос ва суроғаи муассиса:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Н.Карабоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон